Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجيك

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

22 ноябри соли 2003. Шанбе № 90 (12933)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.40 имзо гардид.

## Дар бораи ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Ҷумҳурияти Булғория

Мувофиқи даъвати Президенти Ҷумҳурияти Булғория Георги Парвонов Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 24-26 ноябри соли 2003 бо ташрифи давлатӣ аз Булғория боздид менамояд.

Зимни сафар муҳокимаи вазъият ва истиқболи инкишофи муносибатҳои тарафайн, проблемаҳои байналмилалие, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафҳо мебошанд ва ҳамчунин ба имзо расондани чандин шартномаҳои муҳим дар назар аст.

Дар Олий Маҷлис

## Муҳокимаи истиқболи корхонаҳои хусусӣ

***Дар Кумитаи оид ба масъалаҳои ислоҳсозии иқтисодиёт ва тадбиргарии Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар мавзӯи «Боз ҳам ривоҷ додани сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ӯзбекистон ва дар мамлакат ташакул додани синфи мулкдорон» сӯҳбати «мизи мудаввар» ба амал омад. Дар вай депутатҳои Олий Маҷлис, намояндагони Вазорати адлия, Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ, Палатаи молофарандагон ва тадбиргарони Ӯзбекистон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок карданд.***

Иштирокдорони «мизи мудаввар», ки вайро раиси кумитаи парлумон М.Умаралиев бурд, лоиҳаи Қонун «Дар бораи корхонаи хусусӣ»-ро, ки дар иҷлосияи дувоздаҳуми Олий Маҷлис дар қироати якум маъқул дониста шуда буд, баррасӣ намуданд. Чӣ хеле ки қайд шуд, дар бадали даҳ моҳи баъди интишори Фармони Президент «Дар бораи тадбирҳои ба таври қатъӣ зиёд намудани ҳисса ва аҳамияти сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ӯзбекистон» шумораи соҳибони коғазҳои қиматнок, моли ғайриманқул, корхонаҳо, аз он ҷумла қитъаҳои замин бо ҳуқуқи умрбод мерос гузоштан якбора афзуд.

Қабули Қонун «Дар бораи корхонаи хусусӣ» дар роҳи боз ҳам ривоҷ додани иқтисодиёти мамлакат қадами муҳим мегардад. Қонун ҳуқуқу кафолатҳои мустақилии пурраи иқтисодӣ ва молиявии корхонаҳои хусусиро таъмин мекунад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ба лоиҳаи Қонун бори аввал дар таҷрибаи мо меъёре даровварда шудааст, ки ба муассиси корхона имконияти ду маротиба андоз надоданро фароҳам меорад. Ба мақсади таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ масъулияти мулкдорони корхонаҳои хусусӣ дар назди контрагентҳо баланд бардошта шудааст.

Дар кумитаи парлумонӣ дар рафти баррасии лоиҳаи Қонуни мазкур аз вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо қариб 130 таклифу мулоҳизаҳо расидааст, ки дар сӯҳбати «мизи мудаввар» мавриди муҳокима қарор гирифт.

**Т.БОТИРБЕКОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Ташрифи ҳайати вакилони Ҷопон

***Ҷонишини вазири корҳои хориҷии Ҷопон, намояндаи шахсии Нахуствазир дар «Ҳаштгонаи калон» Ичиро Фуҷисаки, ки ба мамлакатамон ташриф овардааст, 19 ноябр бо Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯткур Султонов вохӯрд.***

Дар рафти гуфтушунид аз он қаноатмандӣ изҳор намуданд, ки алоқаҳои дуҷонибаи байни мамлакатҳоямон дар соҳаҳои мухталиф пайваста ривоҷ меёбанд. Ҷонибҳо аз рӯи масъалаҳои боз ҳам ҷонноктар намудани ҳамкорӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар рафти бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Содиқ Сафоев мулоқот оростани меҳмони олиқадр аҳволи имрӯзаи муносибатҳои Ӯзбекистону Ҷопон, масъалаҳои амнияти минтақавӣ, хусусан вазъияти Афғонистон баррасӣ шуданд.

**Ф.АРЗИЕВ,**
**мухбири ӮзА.**



## Маҳсулот ба содирот

Корхонаи муштараки «Асклепий-Свифт»-и ӯзбекистонию инглистонӣ ватаҳои тиббӣ истеҳсол менамояд. Дар ин ҷо 80 нафар меҳнат мекунанд. Аксарияти кормандони корхонаи муштарак ҷавонон мебошанд. Маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ба кишварҳои ИДМ бароварда мешаванд. Дар корхонаи муштарак моҳе 36 тонна ватаҳои гигиенӣ истеҳсол мешаванд.

**Дар суратҳо:** борбандҳо **Мунира Каримҷонова, Рашида Қосимова, Севара Ғаниева** ва оператор **Муҳайё Шофайзиева** ҳини кор.

**Суратгир Р. АКБАРАЛИЕВ.**



Дар арафаи сафар

## Соҳилҳои баҳри Сиёҳро ёд дорем

***Агарчи Булғория истиқлолияти Ӯзбекистонро соли 1992 ба расмият шинохтааст, аввалин сафари роҳбари Ӯзбекистон ба ин кишвар соли 1997 сурат гирифт.***

Робитаҳои дипломатии ду мамлакат бошад, беш аз даҳ сол аст, ки ба роҳ гузошта шудааст. Имрӯз Булғория на танҳо дар Урупои Шарқӣ, балки дар марказ ва ғарби қитъа низ аз давлатҳое маҳсуб мегардад, ки аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо зарфияти бузургаш фарқ мекунад. Ба гунаи мисол, танҳо дар соли гузашта имконоти кредитӣ ба 9 фоиз афзуда, маҳз ҳамин қадар сармояи хориҷӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба мамлакат ворид гаштааст. Бо вуҷуди ин дар соҳаи сайёҳӣ ва нақлиёт ҳанӯз имконоти истифоданашуда зиёд аст. Зеро агар танҳо соли гузашта 17 фоизи сайёҳонро хориҷиён ташкил намуда бошад, дар баробари афзудану хубтар гардидани хизмати соҳа ва инфрасохтори он зиёд гардидани ин рақам имкон дорад. Ҳамин як млрд. 185 млн. долларе, ки соли гузашта аз соҳаи сайёҳӣ ба даст омадааст, хулоса метавон кард, ки ин ҳанӯз ҳадди охир нест.

Ҳоло Булғория яке аз даҳ аъзои Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид аст ва соли оянда дар назар аст, ки ин кишвар роҳбарияти Созмони амният ва ҳамкории Урупоро ҳам ба даст мегирад, ки ин омилҳо вазн ва нуфузи Софияро дар қитъа ба таври эҳсосшаванда боло хоҳад бурд. Дар пеш узвият ба НАТО ва Иттиҳоди Урупо ҳаст, ки Булғорияро аз лиҳози низомӣ ва сиёсӣ муқтадиртар ва босалоҳияттар мегардонад. Ба инобат бигирем, ки танҳо барои ворид шудан ба «хонаи умумиурупоӣ» ба мамлакат 1,5 млрд. евро дода мешавад, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат ин маблағ имконот ва зарфияти бештари инкишофро эҷод менамояд.

Ташрифи роҳбари давлати Ӯзбекистон И.Каримов ба Булғория маҳз дар чунин шароити иқтисодӣ ва арафаи пешомадҳои судманди он кишвар ба вуқӯъ мепайвандад. Аз лиҳози нақлиётӣ Булғория барои мо роҳе мебошад ба сӯи Урупои марказиву ғарбӣ ва ҳатто шарқӣ. Ва бо назардошти ҳамаи ин аз ҳамкорӣ бо он бо қитъаи мазкур чӣ гуна рафтуо намудани амволи Ӯзбекистон ва дурнамои робитаҳои иқтисодии кишварҳои Урупо вобастагӣ дорад. Гузашта аз ин байни Булғория ва Ӯзбекистон имрӯз ба аксар масъалаҳои доғи давр назари умумӣ вуҷуд дорад ва онҳо ҳамдигарро дар арсаи байналмилалӣ дастгирӣ менамоянд.

Умуман сифат ва нишонаҳои маҳсулоти Булғория барои ӯзбекистониён падидаи нав нест. Чунки солҳои сол тамокукашон агар барои худ сигорҳои булғориро чун беҳтарин тамоку интихоб намоянд, сайёҳону ҷаҳонгардони собиқи мо аз Варнаву Бургас ва реги тафсону фороми соҳилҳои баҳри Сиёҳ барин маконҳои истироҳатии он ҳанӯз ба некӣ ёд мекунанд.

—Кишварҳои мо аз қадим ба ҳам ҳусни тафоҳум доранд, — мегӯяд сафири Булғория дар Ӯзбекистон Стоян Горчивкин,—ин давлатҳо бо ҳам ҳатто дар давраи Амир Темур ҳам наҷангидаанд...

Ва аммо имрӯз идома додани ҳамин анъанаи нек ва инкишоф додани он дар рӯҳи замон ва тақозои давр аз вазифаҳои муҳими роҳбарони кишварҳо мебошад.

**Т.ИКРОМОВ,**
**шореҳи «Овози тоҷик».**

Муждаҳо аз вилояти Бухоро

### Бо нишонии муайян

Шифохонаи «Ситораи Моҳи Хосса» гурӯҳи саввуми истироҳаткунандагонро аз ҷумлаи иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон пазируфт. Роҳхатҳои онҳоро барои 18 рӯз Маркази фарҳанги Русия — «Созиш ва шафқат» пардохт.

— Шакли нави кӯмак нисбати кӯмаки пулӣ хеле самарабахштар аст, зеро ҳар як истироҳаткунанда чизи барои худаш муҳимтарро дарёфт кард. Ба истироҳаткунандагон тамоми воситаҳои барои осоиш муҳим фароҳам аст, — гуфт ба хабарнигори Оҷонсии иттилоотии «Туркистон-пресс» раиси Шӯрои маркази фарҳанги Русия Олег Овчинников. — Ин таҷриба соли оянда низ давом хоҳад кард.

### Нозирон тақдир гардиданд

Бо ташаббуси раёсати умури дохилии вилояти Бухоро ва дастгирии иттилоотии рӯзномаи «Бухарский вестник» («Ахбори Бухоро») ва рӯзномаи «Хабарчӣ» озмун барои унвони «Нозири беҳтарин» баргузор гардид.

— Дар тӯли як сол журналистон ба тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳои вилоят сафар карданд, бо кори нуқтаҳои такягоҳӣ ошно шуданд, амалиёти нозиронро оид ба профилактика муоина намуданд, — хабар дод ба хабарнигори ОИ «Туркистон-пресс» сардори раёсати корҳои дохилии вилояти Бухоро Т.Сатторов.

Озмун кори нуқтаҳои такягоҳиро фаъол сохт, фаъолияти нозирони оид ба профилактикаро беҳтар намуд ва бо ин ба кам шудани халалёбии қонун мусоидат кард. Корманди нуқтаи такягоҳии рақами 42-и шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Когон Сироҷиддин Файзиев барандаи ҷоизаи аввал гардид. Ҷои дуввум ба корманди нуқтаи такягоҳии рақами 162-и шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Қарокӯл Тоҷиддин Бобоев насиб гардид. Нозири корҳои оид ба профилактикаи нуқтаи такягоҳии рақами 72-и шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ғиҷдувон Йӯлдош Хайриев соҳиби ҷои сеюм шуд. Ҳамаи онҳо бо тӯҳфаҳои гаронбаҳо тақдир гардиданд.

**«Туркистон-пресс».**

## Изҳороти

### Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати амалиёти террористӣ дар шаҳри Истамбул (Туркия) 20 ноябри соли 2003.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз номи Ҳукумати Ӯзбекистон силсилаи нави амалиётҳои террористиро дар Истамбул, ки боиси ба ҳалокат расидани одамони бисёре гардидаанд, қатъиян маҳкум менамояд.

Мардуми Ӯзбекистон чун тамоми олами муттамаддин аз амалиётҳои ваҳшиёна ва ғайриинсоние, ки нисбати одамони тамоман бегуноҳ содир шудаасту онҳоро бо ягон ғоя ва мақсадҳо наметавон сафед кард, ба изтироб омаданд. Он чиз махсусан боиси қаҳру ғазаб мегардад, ки ин ҷинояти ваҳшиёна дар айёми барои тамоми мусалмонон муқаддас моҳи Рамазон ба амал бароварда шудааст.

Фоҷиаи дар Истамбул ба вуқӯъ омада боз як бор зарурияти муттаҳид ва якҷоя намудани саъю кӯшишҳои ҳамҷамъияти тамоми ҷаҳонро дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ва экстремизм тасдиқ менамояд, тақозо мекунад, ки бо тамоми намудҳои онҳо муборизаи оштинопазирона бурда шавад.

Ҳукумат ва мардуми Ӯзбекистон ба наздикон ва хешовандони онҳое, ки дар натиҷаи ин амалиёти террористӣ ҳалок шудаанд, таъзия ва ҳамдардии амиқ изҳор мекунанд.

**шаҳри Тошканд, 21 ноябри соли 2003.**

## Осорхонаи таърихии Зарафшон

**Навоӣ (Хабарнигори ӮзА. Я. Умар). Дар Зарафшон дари осорхонаи таърихӣ боз гардид. Диққати бинандаро нигораҳое, (экспонат) ки аз дирӯзу имрӯзи шаҳр ва рӯзгору меҳнати кӯҳкорон дар аҳди истиқлол қисса мекунанд, ҷалб менамояд.**

Осорхона тахти номҳои зерин: «Коргарони комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ», «Аҳли заминҳои навкорам», «Табиати Қизилқум» гӯшаҳо дорад.

Дар китоби меҳмонони фахрии осорхона соядасти аввалин пайдо шуд. Бинандагони аввалини осорхона мутахассисони хориҷӣ буданд, ки ба корхонаи муштараки ӯзбеку амрикоӣ — «Зарафшон-Нюмонт» ташриф овардаанд.

## Рӯзҳои иқтисодиёти Ӯзбекистон дар Олмон

***Ба пойтахти замини федеролии Саксония— шаҳри Дрезден тахти сарварии ҷонишини Нахуствазири Ӯзбекистон Р.Юнусов ҳайати вакилони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ташриф оварда, дар кори «Рӯзҳои иқтисодиёти Ӯзбекистон дар Саксония» иштирок намуд.***

Тадбири мазкурро раиси ҷамъияти ҳамкории иқтисодии Саксония Маркус Лётч ҳусни ифтитоҳ бахшида, иштирокдорони онро табрик намуд. Ӯ қайд кард, ки Рӯзҳои иқтисодиёти Ӯзбекистон дар Саксония барои шинос намудани доираҳои корчаллони замини федеролӣ бо иқтидори иқтисодии Ӯзбекистон қадами қобили мулоҳиза буда, вай имкон хоҳад дод, ки робитаҳои бевосита ва дарозмӯҳлатро бо корхона ва компанияҳои Ӯзбекистон мустаҳкам намоянд.

Дар баробари ҳамин ӯ қайд кард, ки дар бозори Ӯзбекистон компания ва фирмаҳои Олмон фаъолона иштирок менамоянд, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт саҳми муносиб мегузоранд, ки ин дар инкишофи робитаҳои Ӯзбекистону Олмон қобили тавсифанд.

Ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Юнусов диққати ҳозиронро ба ислоҳоти дар соҳаи иқтисодиёти Ӯзбекистон аз тарафи ҳукумат ҷоришудаистода ҷалб намуд. Аз ҷумла ӯ қайд кард, ки аз 15 октябри соли ҷорӣ дар ҳудуди Ӯзбекистон ҷорӣ шудани конвертатсия аз рӯи оператсияҳои ҷории байналхалқӣ дар соҳаи ислоҳоти иқтисодӣ қадами наҷибона ва боварибахш мебошад. Дар бобати дурнамои муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодӣ ҳарф зада, аз ҷумла Р.Юнусов зикр кард, ки дар Ӯзбекистон барои сармоягузорони хориҷӣ шароитҳои хуби фаъолият фароҳам омадаанд ва ин чиз ҷиҳати вусъат ёфтани ҳамкориҳои барои ҳар ду тараф пурсамар имкониятҳои бештар фароҳам меоварад.

Намояндагони доираҳои иқтисодии Саксония аз он хусус низ сухан ронданд, ки алҳол Ӯзбекистон барои Олмон ҳамкори стратегӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб аст ва ин чиз барои бештар ҷалб намудани фирма ва компанияҳои Олмон дар риштаҳои гуногуни иқтисодиёти Ӯзбекистон мусоидат менамояд.

Аъзоёни ҳайати Ӯзбекистон ҳозиронро дар бораи имтиёзҳои соҳаи андоз, ки ба корхонаҳои муҷовир пешниҳод мешаванд, шинос намуданд. Инчунин дар хусуси фоидаоварии сиёсати пулӣ-кредитии Ӯзбекистон, нишондиҳандаҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва пешомадҳои инкишофи чунин ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёт, соҳаи мошинсозӣ, сайёҳӣ маълумот дода шуданд.

Дар тӯли тадбир баргузории гуфтугузорҳои корӣ аз хусуси манфиатдор будани доираҳои корчаллони Саксония ва вусъат ёфтани ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон сухан рафт. Ҷорӣ гардидани технологияҳои нав дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакати мо, ҳамкориҳои пурсамар дар соҳаҳои сохтмони роҳ, мошинсозӣ ва молиявӣ қобили таваҷҷӯҳи хос мебошанд.

— Тадбири мазкур нафақат намоёнгари нерӯи бои Ӯзбекистон аст, вай инчунин аз бобати дорои аҳамият будани потенсиали Ӯзбекистон барои Саксония гувоҳӣ медиҳад. Доираҳои корчаллони Саксония дар симои Ӯзбекистон ҳамкори боварибахш ва дарозмӯҳлатро мебинанд, — мегӯяд дар сӯҳбат бо хабарнигори ОИ «Ҷаҳон» раиси Ҷамъияти ҳамкории иқтисодии Саксония Маркус Лётч. Ӯ ба сухани худ идома дода қайд кард, ки зиёд шудани диққату эътибори доираҳои корчаллони Саксония ба иқтисодиёти Ӯзбекистон бештар аз он боис мебошад, ки дар Ӯзбекистон муҳити мусоиди инвеститсионӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамкориҳои имрӯза соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро дар бар гирифтаанд, лоиҳаҳои тоза ба боз ҳам вусъат ёфтани ҳамкориҳои мазкур бо Ӯзбекистон мусоидат хоҳанд кард.

Дар доираи «Рӯзҳои иқтисодиёти Ӯзбекистон дар Саксония» дар Вазорати иқтисодиёт ва меҳнат бо иштироки ҳайати вакилони Ӯзбекистон, намояндагони вазорат ва доираҳои корӣ бахшида ба масъалаҳои сохтмон ва таҷҳизоти техникии роҳҳои мошингард «мизи мудаввар» барпо шуд.

Дар ҷараёни ташрифи мазкур ҳайати меҳмонони Ӯзбекистон бо вазири давлатии иқтисодиёт ва меҳнати Саксония М.Гилло вохӯрданд. Дар ин вохӯрӣ масъалаҳои инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳои Ӯзбекистон бо замини мазкури федеролӣ, мустаҳкам намудан ва инкишоф додани алоқаҳои дутарафа дар савияҳои мухталиф мавриди муҳокима қарор ёфтанд.

**Аслам АКБАРОВ,**
**ОИ «Ҷаҳон».**

ДРЕЗДЕН.

## Чор ғолиб

Деҳаи Варзики ноҳияи Чуст дар оғӯши қаторкӯҳҳои Чотқол воқеъ буда, аз заминҳои санглоху пур аз пастию баландиҳо иборат аст. Дар чунин заминҳои шароиташ номусоид кишоварзони хоҷагии ширкатии «Варзик» пунбадона ва дигар зироати кишоварзӣ мекоранд ва барои ҳосили фаровон мудом дар такопӯянд. Хоҷагии мазкур дар байни хоҷагиҳои ноҳия аз ҳама зиёд пахта мерӯёнад.

Заршиносони хоҷагӣ имсол ба 2 ҳазору 60 гектар замин тухмӣ кошта аз аввали баҳор парвариши ниҳолҳоро мувофиқи қоидаҳои агротехникӣ хуб ба роҳ монда, бо ғайрату шуҷоат меҳнат карданд. Дар натиҷа ҳосили фаровон рӯёнида шуд. Онҳо қавл доданд, ки ба хирмани давлат 2 ҳазору 617 тонна дурри гаронбаҳо резанд. Ба мавсими пахтачинӣ низ ҳамаҷониба тайёрӣ диданд. Маҳз барои муташаккилона сар кардани маъракаи ҷамъоварии ҳосил онҳо ба марра аз ҳама пештар расиданд.

Пудратчиёни бригадаи 8-ум, сардораш Деҳқонбой Шаропов ба 50 гектар замин тухмӣ кошта, аз ҳар гектараш 25 сентнерӣ, ҷамъ 125 тонна пахта супурда супоришоти пахтасупориро дар хоҷагӣ аввалин шуда иҷро карданд. Ғалабаи мазкур дигар пудратчиёнро низ рӯҳбаланд гардонд. Зафармандони ҷамоаи Қодирҷон Нишонов дар 66 гектар майдон деҳқонӣ карда аз ҳар гектараш 27 сентнерӣ, ҷамъ 177,7 тонна «тиллои сафед» супурда ба марраи муров расиданд.

Сонитар, пудратчиёни бригадаи Раҳмонҷон Ҷӯраев аз 42 гектар замин 100,4 тонна пахта супурда комёб шуданд.



Кишоварзони бригадаи 6-уми Абдураҳим Ёқубов ҳам аз 36 гектар майдон 86,4 тонна дурри гаронбаҳо ҷамъ оварда супоришоти пешгузошташударо иҷро карданд.

Ин чор нафар пахтакорони пешсаф қисми асосии ҳосилро ба навъи якум супурданд. Ҳанӯз дар киштзори пудратчиён ҳосил ҳаст. Инро ба ҳисоб гирифта, онҳо аҳд доранд, ки боз ҳосили иловагӣ супоранд. Алҳол ба ҳисоби ӯҳдадорӣ пахта месупоранд.

**А.МУРОДОВ.**

***Дар акс:*** *чор пешқадам сарпудратчиён (аз чап ба рост)* ***Деҳқонбой Шаропов, Қодирҷон Нишонов, Раҳмонҷон Ҷӯраев, Абдураҳим Ёқубов****ҳо.*

***Суратгир муаллиф.***

## Дар ҳузури пахтакорон

**ФАРҒОНА.** Театрҳои вилоят, ҷамоаҳои бадеӣ барои пахтакорон ва ёрдамчиён барномаҳои ҷаззоби хизматрасонии маданию бадеиро тартиб дода онро дар саҳро намоиш медиҳанд. Аз ҷумла, шоирон Охунҷон Ҳакимов, Йӯлдош Сулаймон, Малика Мирзоева, Матлуба Деҳқон қизи ва Энахон Сиддиқова дар хоҷагии ҷамоавии «Водил»-и ноҳияи Фарғона шуда, аҳли меҳнатро бо асарҳои нави худ, ки ба Ватани маҳбуб, дӯстӣ, рафоқат бахшида шудаанд, шинос карданд.

Дастаҳои рақс ва суруди «Зебо», «Зилола», «Анор» ҳам барномаҳои рангини худро ба пахтакорон ва ёрдамчиёни хоҷагии ҷамоавии «Наврӯз»-и ноҳияи Қува пешкаш намуданд.

Кормандони хонаи маданияти ноҳияи Данғара, ансамбли худфаъоли «Нилуфар»-и ноҳияи Бағдод низ дар канор намонданд. Онҳо деҳқононро бо рақсу суруд, тадбирҳои маданию бадеии худ ба меҳнат рӯҳбаланд мегардонанд.

**М.КАРИМОВА.**

**БУХОРО.** Рӯзҳои ҷамъоварии ҳосили пахта кормандони санъат ва маданияти вилояти Бухоро хизматрасониро ба меҳнаткашони саҳро беҳтар мегардонанд. Ҳунарпешагон, шоирону ҳаҷвчиён бо барномаи махсус дар ҳузури аҳли меҳнат баромад мекунанд. Аз ҷумла гурӯҳи ширинкорони иттиҳодияи Ӯзбекнаво ва таронахони ҷавони боистеъдод Акобир Ҳамроев дар тамоми ноҳияҳои Бухоро ба пахтакорон барномаи аҷоиби консертӣ намоиш доданд.

Чанде пеш гурӯҳи номбурда дар саҳроҳои хоҷагиҳои ноҳияи Қаровулбозор, ки дар онҳо донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бухоро дар ҷамъоварии пахта ба аҳли меҳнат ёрӣ мерасонанд, ҳунарнамоӣ карданд.

**Д.УМАРОВА.**

## Рӯйдодҳои ҷаҳон

Хабарҳо, воқеаҳо, хабарҳо, воқеаҳо

### Шрёдер аз нав интихоб шуд

**Раиси ҳукумати Олмон Герхард Шрёдер аз нав раиси ҳизби Сотсиал демократии Олмон интихоб гардид. Дар анҷумани 56-уми саросарии ҳизб дар Бохум ӯ ин вазифаи худро нигоҳ дошта тавонист.**

Дафъаи сеюм аст, ки Г.Шрёдер ба ин вазифа паиҳам интихоб мегардад. Ӯ дар интихобот 80,8 фоизи овозҳои ҳамҳизбҳояшро ба даст овард, ки нисбат ба интихоботи соли 2001 8 фоиз кам аст. Шрёдер натиҷаи ин овоздиҳиро «адолатнок» номид, зеро ки дар партави ҷараёнҳои хеле ҷиддии муҳокимаи ислоҳот дар мамлакат чунин як интихобот воқеаи муҳим буд.

Пеш аз овоздиҳӣ раиси ҳукумат маърӯза карда гуфт, ки ихтисор намудани барномаҳои иҷтимоӣ хеле аламовар аст, аммо барои ба вуҷуд овардани шароитҳои хуб ба хотири инкишофи иқтисодиёт ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои иловагии корӣ дигар роҳ вуҷуд надорад.

### СММ Исроилро маҳкум мекунад

**Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид мувофиқи тақозои Димишқ рӯзи якшанбеи гузашта ҷамъомади фавқулоддаи худро баргузор намуд, ки парвозҳои ҳавопаймоҳои онро ба фазои Сурия маҳкум намояд.**



Намояндаи Сурия дар СММ Файсал Мақдад Шӯрои амниятро барои қабул намудани қатъномае, ки Исроилро барои парвозҳояш ба фазои Сурия ва обектҳои ҳудуди он маҳкум намояд, даъват намуд. Ҷониби Исроил бошад ин амали худро чунин талқин мекунад, ки дар ин маҳалҳо гӯё поягоҳҳои террористон, пеш аз ҳама «Ҷиҳоди исломӣ» воқеъ гардида бошад, ки таркишро дар Ҳайфа ба вуҷуд овардааст. Мақдад ин парвози онҳоро «амали изтиробангези таҷовузи Исроил» номидааст.

Ҳоло ИМА дар Шӯрои амният раёсатро дар даст дорад. Имкон дорад, ки Вашингтон аз ҳуқуқи вето истифода намуда, ба қабул нагардидани ин қатънома мусоидат намояд.

Дар тафовут аз Берлин ва Париж, Вашингтон Исроилро барои ин амалиёташ танқид накард, бо вуҷуди он ки тарафҳоро барои эҳтиёткорӣ даъват намуд, хабар медиҳад Би-би-сӣ.

### Чор миллион автомобили Чин

**Тавре ки муовини котиби генералии Анҷумани саноати автомобилсозии Чин Шен Нину хабар дод, соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши мошинҳои Чин аз 4,2 то ба 4,3 млн. воҳид мерасад.**

Аз ҷумлаи он 1,7-1,8 млн. воҳид мошинҳои сабукрав дар соли ҷорӣ дар ин мамлакат истеҳсол мегардад. Нину дақиқ намуд, ки соли 2005 ҳаҷми истеҳсоли мошин дар мамлакат 6-7 миллионро ташкил хоҳад намуд, ки 3,5-4 млн. воҳиди он мошинҳои сабукрав хоҳад буд. Соли 2010 истеҳсоли солонаи мошинҳои Чин ба 10 миллион хоҳад расид. Тавре ки номбурда хабар додааст, охири соли ҷорӣ интизорӣ меравад, ки дар Чин «Сиёсати тараққиёти саноати автомобилсозӣ» эълон гардад. Мувофиқи он ҳукумати Чин таъкид менамояд, ки зарурияти инкишофи пурраи мошинсозӣ ва ҳамчунин аз ҷониби мамлакат соҳиб гардидани на камтар аз 50 фоизи саҳмияҳо дар корхонаҳои муштараки соҳа дар рӯзномаи кор аст, менависад оҷонсии иттилоотии «Синхуа».

### Ҳамас боз аз сулҳ ҳарф мезанад

**Гурӯҳҳои тундравони фаластинии Ҳамас ва «Ҷиҳоди исломӣ» барои иштирок дар гуфтугӯҳо бо ҷониби Исроил дар бобати оташбаст ва эҳтимоли аҳду паймон ризоият доданд.**



Қарор аст, ки ин мулоқот 2 декабри соли ҷорӣ дар Қоҳира ба амал ояд. Қаблан оташбаси якҷониба эълоннамудаи ин гурӯҳҳо ҳамагӣ ҳафт ҳафта идома дошт. Бино ба баъзе хабарҳо, дар мулоқот намояндагони ҳизби Фатҳ ширкат хоҳанд кард, ки сарпарасти он Ёсир Арофат мебошад.

Иштироки Ҳамас ва «Ҷиҳоди исломӣ» дар гуфтугӯҳо дар натиҷаи вохӯрии намояндагони Миср ва нахуствазири Мухторияти Фаластин Аҳмад Қурей маълум карда шуд.

Ин якумин қадами раиси нави ҳукумати Фаластин мебошад, ки ба зӯровариву террорҳо анҷом бахшад, хабар медиҳад радиои Би-би-сӣ.

### Мулоқоти эҳтимолии Алексий II бо Иоан Павел II

**«Мулоқот бо Папаи Рум набояд танҳо ба хотири мулоқот бошад. Бояд ҳуҷҷати дақикро қабул кард», — гуфт патриархи Маскав ва саросари Рус Алексий II.**



Рӯзи панҷшанбе, ки дар Фарҳангистони хизмати давлатии Русияи назди Президенти мамлакат баромад намуд, ӯ аз ин хусус ҳарф зад. «Патриарх ҳанӯз бо роҳбари калисои насрониёни Рум мулоқот надоштааст», — таъкид намуд Алексий II. Аз ин рӯ чунин мулоқот «бояд ба муносибатҳои нав роҳ кушояд» ва мушкилиҳои вуҷуддоштаи байни калисоҳоро хотима диҳад.

Дар бораи таъсиси епархияи насронӣ дар қаламрави Русия, Украина ва Қазоқистон патриархати Маскав танҳо пас аз эълони расмии онҳо бохабар мегардад, ки ин ба аҳдномаи мавҷуда мувофиқ нест. «Мутаассифона, ин аҳдномаҳо танҳо дар рӯи коғаз мемонанд», — гуфт патриарх.

«Мулоқот бо Папаи Рум дар назди камераҳо натиҷаи дилхоҳро намедиҳад», —таъкид намуд Алексий II, хабар медиҳад «Новости email.ru».



*Ҷамъияти саҳҳомии «Ҷиззахпластмасс» аз корхонаҳоест, ки тартиби кори худро куллан нав кардаанд. Маҳсулоте, ки ин корхона истеҳсол мекунад дар анборҳо намемонанд. Молҳои ниёзи мардум, плёнкаҳои полиэтиленӣ, ки дар хоҷагии қишлоқ ва хатҳои об ба кор мераванд, талабгорони зиёд доранд. Корхона супоришоти нӯҳмоҳаи имсолаи худро 102 фоиз иҷро намудааст. Меҳнаткашони корхона ният доранд, ки соли 2003-юмро бо даромади хуб ҷамъбаст намоянд.*

***Дар сурат:*** *Коргари сехи молҳои истеъмолӣ* ***Муқаддас УМАРОВА.***

***Суратгир Р.АКБАРАЛИЕВ.***

---

**Дар ин мақола сухан аз як бинои таърихие меравад, ки ба шарофати Истиқлол ба номи аслӣ — «Мадрасаи Абулқосим» баргаштааст.**

**Дар он ҳунарҳои миллӣ сайқал меёбанд.**

**Дар ин мадраса соли 1865 созишномаи «Сулҳ»-и зӯроваронаи генерал Черняев ба имзо расонида шудааст.**

**Дар он Қодирӣ, Фитрат, Абдурашидхонов таҳсил намудаанд.**

**Қитъаи шеърӣ огоҳ менамояд, ки дар ин ҷо мӯи мубораки Расул (с) будааст.**

Ба озмуни «Энг улуғ, энг азиз»

# Дар ҳошияи таърихе, ки медонему намедонем

### Як қитъаи шеър ва чанд қиссаи меҳр

Тасодуфи муборак сабаб шуду ман ба ин ҷои муқаддас даромадам ва ба ин абёти пурсеҳр рӯ ба рӯ шудам. Даруни бинои мудаввари қадимасохт, ки аз хишти пухта аст, ду ошён дорад ва аз ҳуҷраҳои бисёр иборат аст. Дар саҳни ҳавлии он, дар рӯ ба рӯи ҳар як ҳуҷра ду-се нафар устоҳо яке ба дари аз чӯби чормағз сохташуда, гул мекаанду дигар ба китобмонаки қадимасохт нақш мебаст. Дар дохили ҳуҷраҳо низ ҳама саргарми кору амали худ буданд. Гурӯҳи сайёҳони хориҷӣ бо роҳбалади худ аз як ҳуҷра ба дигараш гузашта мерафтанд. Баъзеҳо ба худ чизе барои ёдгор мехариданд. Чунки ҳуҷраи устоҳои наққош, рассом ва чармгару кулол низ маҳсулоти зебо доштанд. Ростӣ ҳам, намоишгоҳи аҷиби соҳаҳои ҳунармандӣ, косибии миллӣ буд ин ҷо...Касро бешак ба ваҷд меовард. (Ин бинои кӯҳнасохт дар шафати бинои Олий Маҷлис ва Қасри дӯстии халқҳо ҷой гирифтааст).

Пурсидам, яке аз косибон гуфт, ки ин Мадраса аст, марбути Бунёди байналхалқии «Олтин мерос»-и шаҳри Тошканд мебошад. Сарвари ин даргоҳи ҳунарҳои зебо — Абдулазиз Муҳаммадкаримов будаанд. Он ҳам ба ёд омад, ки дар бораи ин мадраса ва зиёда аз 150 нафар шогирдони вай, ки ҳама (меъмор, наққош, саҳҳоф, рассом, кандакор) баъд аз хатми институтҳо, баъди ба даст овардани дипломи олӣ ба ин ҷо пазируфта мешаванд. Ва ҳангоми кор такмили касб намуда, бо эъҷози ҳунари дастони худ санъати миллиро ба оламиён намоиш медиҳанд. Акмал Азларов — узви Академияи бадеии рассомони Ӯзбекистон, дар даҳҳо виставкаҳои байналхалқӣ самари дастони худро намоиш додааст. Анварҷон Азларов дар давоми даҳ соли кораш дар ин мадраса аллакай ба зиёда аз 20 виставкаҳои берун аз кишвар ширкат намудааст. Мусаввиррони минйотурист — Кошиф Амонов, Ҷалолиддин Ашрафов, устодони мӯйқалам — Ҷасур Баҳодуров, Тоҳир Болтабоев (сазовори мукофоти давлатии Беҳзод, соҳиби гувоҳномаи ЮНЕСКО — «Усто», узви Академияи бадеии Ӯзбекистон), эҷодгари манзараҳои дилфиреб, рассоми моҳир — Тӯлқин Икромов, ки баъди хатми омӯзишгоҳи рассомии ба номи Бенков, дар Институти театр ва рассомии Тошканд ба номи Островский хондааст, низ аз ҷумлаи устоҳои ин мадраса будаанд.

Устоҳо, устодони ҳунарҳои миллӣ ба касе кордор набуданд. Ҳар кадом аз паи кори худ. Ҳатто муддати мадиде, ки аз болои сари чанд усто истода аз девори тарафи қибла, аз тоқи меҳроб ҳарф ба ҳарф сатрҳои ба ҳуруфоти арабӣ нақшёфтаро рӯбардор мекардам, касеро ба ман коре нашуд. Дар як хат, дар болои меҳроб ду ин сатр, байти аввал мунаққаш буд:

**Ин чи муборак биност, арши барин ҷабҳасост,**
**Чунки бувад манзили мӯи латифи расул.**

**3-он зи сари фахр гуфт мир ба таърихи ӯ,**
**Яфға (и) олияи мӯи шарифи расул...**

Байти дуюм, як сатрӣ, дар ду тарафи меҳроб нақш шудааст.

Чун навиштаи мазкур дар чӯбтахта ва дар зери чангу ғубор ва баъзе унсури ҳарф ба назари ман ғалат намуданд, аз чанд усто пурсон шудам, ки оё хонда метавонанд? Баски ҳама кифт дарҳам кашиданд, аҳд кардам, то сарвари мадрасаро ёбам. Чунки аз ин «қитъа» бӯи Муҳаммад меомад. Ва дарҳол ба ёдам расид, ки дар шаҳри Қандаҳори Афғонистон бо Хонақоҳи мазори «Хирқаи Муборак» ҳама ифтихор менамоянд..

Ва ман солҳои он ҷо будан, ҳангоми зиёрати он мазор ба ин шоҳид шудаам...

...Абдулазизака Муҳаммадкаримов бо меҳрубонӣ маро пазируфтанд. Чун рамазон буд, барои зиёд нагирифтани вақт, дарҳол ба мақсад гузаштам. Мусоҳиби банда, ки одами солору вазнин буд, гапро аз таърихи мадраса, солҳои дар ин ҷо таҳсил намудани алломаҳои замон — Абдулло Қодирӣ (дар солҳои 1914-17), Мунавварқорӣ Абдурашидхонов, муфтии собиқи кишвар — Зиёвиддинқорӣ Бобохонов, Ғулом Зафарӣ, Абдурауф Фитрат сар карда, дар солҳои баъди инқилоб баста шудани он тамом карданд. Ҳамчунин илова намуданд, ки дар соли 1929, ки дар Русия қаҳтӣ омада буд, ба ин ҷо 70 оилаи аз Самара омада ҷойгир мешавад ва охирини онҳо дар соли 1974 ба хонаи нав кӯчидааст.

Солҳои охир, ба туфайли дастгирии ҳукумат ин бино бо ташаббуси Бунёди «Олтин мерос» («Мероси тиллоӣ») 7 сол таъмир ва ба маслаки аслӣ баргашт. Ду даҳсолаи охир вай ба мардум дар хизмат аст. Бо таассуф метавон ба ёд овард, ки дар ин ҷо фабрикаи истеҳсоли лӯхтакҳои бачагон низ ҷойгир будааст. Намоишҳои театрҳои фолклорӣ-этнографии «Шарқ», дастаи «Баҳор» дар ин бинои таърихӣ ниҳоят табиӣ будаанд...

Ба як гап — ин бино таърихи зиндаи Тошканд, илова кардам ман.

Ин дам мусоҳиби банда як нусха китоби рангаи ба се забон будаи худро, ки рисолаи раҳнамои сайёҳон буд, ба ман нишон дод. Дар бораи қитъаи шеърие, ки ман пурсида будам, Муҳаммадкаримов ин сатрҳоро аз он китоб (А.Муҳаммадкаримов. Гӯзаллик маскани. Т.2002) ишора намуда, нишон доданд: **«Ичидаги равоқли меҳроби (саҷдагоҳ) теппасига ишланган китобасида эса араб тилида «Бу арк каби бинода Расулнинг латиф мӯйи бор» каби сӯзлар битилган»** (азбаски дар боло асли матн — қитъаи шеърӣ зикр ёфт ва он форсии тоҷикист, ҳоҷати тарҷима нахоҳад буд — эзоҳи **М.О.**). Он чӣ аён шуд, ҳоҷати баён намонд. Аз рӯи лутф пурсидам, ки як нусха аз он китоб ба ман низ ҳадя намоянд...

Чанд сатр болотар аз он чӣ хонда будем, навишта шудааст, ки...Абулқосим шахсияти машҳур ва маъруфи замон буда, бо вай этнографи рус Остроумов низ ошноӣ дошт. Ва ин мадрасаро ӯ дар асоси анъанаҳои қадимаи меъмории асрҳои миёна бо алоқамандӣ ва пайвандии муайяни узвӣ ба Хонақоҳи Мӯйи Муборак дар соли 1850 бунёд намудааст. Баъдтар аз тарафи бародари Абулқосим — Саидқосим дар тарафи ҷанубӣ-шарқии мадраса ҳаммоми дугумбаза, дар тарафи шимолиаш масҷиди сехонагии синчкорӣ сохта мешавад. (Он дар соли 1980 вайрон карда шудааст).

Аз навишта бармеояд, ки дар ҳавлии ин мадраса ҳавзи рӯпӯшида — сардоба буд. Дар тарафи дасти чапи даромадгоҳи мадраса дарсхона, дар тарафи рост — масҷид дар пешгоҳи ҳавлӣ ХОНАҚОҲИ МӮИ МУБОРАК ҷой гирифта будааст. Дар пештоқи Хонақоҳи Мӯи Муборак навиштаи зайл китобат будааст: «Оллоҳнинг ҳукми билан шу масҷиднинг таъмирига киришдик. Яхши кунда тамомига етгай», деган сӯзлар сақланиб қолган» (ба баргардонии ин ҷумла низ заҳмат накашидем, то заҳмати хонанда беш нагардад — **М.О.**).

Мадрасаи Абулқосим имрӯз ҳам дар Тошканд, ҷои муборак ва муқаддас ба ҳисоб меравад. Ҳар рӯз дар ин ҷо сайёҳони хориҷӣ баҳри тамошо меоянд. Хуб мешуд агар дар шарҳи қитъаи мазкури шеърӣ, ки форсӣ аст ( на арабӣ, чуноне ки дар китоби сарвари мадраса эзоҳ шудааст, баёни мазмун, воқеъияти таърих инъикос мешуд. Шояд, ки аз ин қитъаи шеърӣ, ҳам «таърих»-и бунёди бинои Хонақоҳи Мӯи Муборак аниқ гардаду ҳам тақдири Мӯи Муборак?

### «Бидуни хотираи таърих оянда нест» (И.А.Каримов)

Беш аз 130 соли дар мустамлика қарор доштан, ки беш аз нисфи он ба замони Шӯравӣ рост меояд, таърихи мо ниҳоят вайрон, дар оинаи каҷ, ба таҳриф нишон дода мешуд. Таърихнигорони давр, аз рӯи «замонасозӣ» маҷбур ба ин кору ғалатнависиҳо шудаанд, ки имрӯз ба ҳамаи мо маълум аст. Маҳз ба шарофати нури ҷаҳонтоби Истиқлолият таърихи кишвари мо, таърихи шаҳри қадимаи Тошканд низ, ки дар зери сояи тираи сиёсат пинҳон монда буд, ба рӯшноӣ баромад.

Шогирди мактаби миёнаи замони навин аз донишҷӯи замони шӯравӣ, ҳатто аз муаллими таърихи он давр дида, бештар аз ҳақиқати таърихӣ огоҳ аст. Чун дарҳои осорхонаҳои таърих ба ҳафт қулф маҳкам буданд, аз таърихи забт шудани Тошканд (с.1865), муқовимату муборизаи халқи маҳаллӣ, имдоди дӯстонаш ба вай, хиёнати душманони аҷнабиаш касе хабар надошт. Аз ин ваҷҳ «ихтиёран ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русия» талқин мешуд...

Имрӯз, ки мумкин, биёед, назаре ба он саҳифаи таърих андозем.

### 12 дарвозаи Тошканд

Чуноне ки таърих шаҳодат медиҳад, он солҳо, дар нимаи дуюми асри XIX гирду атрофи Тошканд бо деворҳои баландиаш аз 5 то 7 метра, ки бари вай то ду метр буд, иҳота гардида, убуру мурур ба шаҳр аз 12 дарвоза сурат мегирифт. Аввалин ҳуҷуми бебарори истилогарони ҳукумати подшоҳӣ ба Тошканд, дар соли 1864 моҳи октябр сабти таърих шудааст. Он вақт қӯшунҳои истилогарон маҷбуран ақибнишинӣ карда, моҳи маи соли 1865 генерал Черняев ба қалъаи Ниёзбек (12 км берунтар аз Тошканд) ҳуҷум карда, баъди ду рӯз, бо талафоти бисёр онро ба даст медарорад. Ба Тошканд аз Қӯқанд бо сардории Мулло Алимқул 6 ҳазор сарбоз ба кӯмак меояд. Черняев барои танг кардани вазъи шаҳр, сарбанди дарёи Чирчиқро, ки ба шаҳр об мерасонд, вайрон мекунонад. Нақшаи нави ишғол кардани Тошкандро, ки Черняев кашида буд, воқеаи дигар тағир дод. «Чунки аз Ӯротеппа ба Тошканд қӯшунҳои Бухоро бо сардории Искандарбек омада, раҳбарии шаҳрро ба зимма гирифта буд» («Таърихи Ӯзбекистон». Китоби дарсӣ, барои синфи IX. Тошканд. 2003.саҳ. 30). Он вақт дарвозаҳои Қӯқанд, Камолон, бисёр иншооту иморатҳо ба хароба табдил меёбанд. Талафот аз ҳар ду тараф бисёр буд. Аммо Черняев роҳи дигари фиребро пеш мегирад. Ин дафъа-сиёсӣ: то ба аҳли ҷомеаи ҷаҳон вонамуд созад, ки аҳолии Тошканд ба намояндагии «шахсиятҳои мӯътабари шаҳр» барои имзо намудан ба созишнома розигӣ доданд, шаҳр таслим шуд. Дар амал бошад, муқобилияти шадид бераҳмона пахш карда, шаҳр вайрон карда мешуд...

### Созишномаи сохта — дар мадрасаи кӯҳна

Ба саҳнагузории чунин найранги сиёсӣ аз тарафи генерал Черняев ва сарони лашкари ӯ воқеъият аст. Дар ҳақиқат ҳам генерал Черняев гурӯҳи калони одамони мӯътабар, оқсақолони Тошкандро зӯран ҷамъ намуда, таклиф намуда буд, ки ба ин созишномаи «сулҳ» имзо гузоранд. «Яке аз намояндагони машҳури шаҳр — Солеҳбек додхоҳ бо қатъият аз имзо гузоштан ба ин «сулҳ» даст мекашад. Он гоҳ Черняев дарғазаб шуда амр медиҳад: «Касе, ки ба ин ҳуҷҷат имзо гузоштан нахоҳад, ба ин тараф гузарад!» Чанд нафари дигар низ ба тарафи Солеҳбек додхоҳ мегузаранд. Ва ҳамаи он ватандӯстон ба Сибир бадарға карда мешаванд» («Ватан туйғуси» — «Эҳсоси Ватан». Китоби дарсӣ барои синфи 6. Тошканд. 2003. саҳ. 47).

Ҳамин тавр, Тошканд (дар соли 1865), баъд Ҷиззах, Хуҷанд, Ӯротеппа (1866) ва дар соли 1868 Самарқанд, Ургут, Каттақӯрғон зӯран таслим карда мешаванд. Шартномае, ки 1 июли 1868 бо Бухоро ба имзо расид, ӯро ба Русия тобеъ кард. Фармони Александри II оиди таъсиси генерал-губернатории Туркистон дар моҳи июли 1867 ба зери по шудани маданият, мазҳаб, ёдгориҳои маънавӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна асоси қонунӣ гузошт. Инқилоби октябр бошад, чунин раванди харобиоварро боз ҳам бештар вусъат бахшид. Хулоса, зиёда аз 130 соли охир, то давраи Истиқлолият, солҳои тираи таърихи мо будаанд. Дар натиҷа одамони ватандӯст — хоин, хоинони миллат «гули сари сабад» шуданд. Таърихи худро таҳриф намуданд, фарҳанги миллӣ ва қадриятҳои миллиро аз ёдҳои мардум дур намуданд. Ҳол он ки бо ифодаи Раисҷумҳури кишвар: бидуни хотираи таърих оянда нест.

Кунун рӯзе фаро расидааст, ки ҳар як варақи китоби таърих бароямон муқаддас ва пурқадру боқиммат аст, онро бояд эҳтиёткорона биомӯзем.

Барои ман он ҷое, ки «мазҳакаи трагедияи миллӣ» — ба имзо расонидани «сулҳи зӯроварон» дар соли 1865 сабти таърих шудааст, ҷолиби диққат, сазовори эътибор ва як навигарии муҳим буд.

Он «тафсире» (агар чунин гуфтан мумкин бошад), ки дар баробари қитъаи шеърӣ овардем, боиси тааҷҷуб аст. Умед дорем, ки дар ислоҳи он иқдом ба амал хоҳад омад. Умед аст, ки дар «Мадрасаи Абулқосим» лавҳаҳои «Мӯи Муборак» инъикоси воқеаи «Сулҳ»-и Тошканд (1865), ёдномаи таҳсили Қодирӣ, Фитрат...ба вуҷуд оварда мешаванд.

Имрӯз мо аз вайрон шудани бисёр мадраса ва масҷидҳои кӯҳна дар замони гузашта афсӯс мехӯрему аз ин, ки мадрасаи Хӯҷа Аҳрори Валӣ дар замони худи он кас эъмор шуда, қадамҷои эшон будааст, ифтихор дорем. Дар чиллахонаи ин мадраса (солҳои 1469-1470) як моҳ иқомат доштани Шайх Абдураҳмони Ҷомиро дониста, он ҷоро дучандон мӯътабар меномем.

Агар таърих ва тафсиру таърифи ХОНАҚОҲИ МӮИ МУБОРАК таъин ва кашф гардад, боз як қиссаи меҳри мо ба Тошканд зиёда ва пурнур мешуд. Кас ниҳоят мехоҳад бифаҳмад, ки «Мӯи муборак» дар куҷост?

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**журналисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон.**

---

Ба муносибати Ид-ал-фитр

## Суннати пайғамбар муборак бошад!

Гирифтани рӯза дар моҳи шарифи Рамазон барои ҳар як мусулмон ба монанди намоз, закот, ҳаҷ фарз аст.

Моҳи Рамазон ба он нисбат шариф будааст, ки маҳз дар ҳамин моҳ Қуръони Карим нозил шудааст.

Ҳамчунин овардаанд, ки «Пеш аз андаромадани амир Исмоил ба Бухоро ва он рӯзи одина нахустин буд аз моҳи мубораки Рамазон, сол бар дувисту шаст» («Таърихи Наршахӣ»).

Бисёр амалҳои нек ва хайр дар ин моҳу дар ин рӯзҳои мубораки моҳи шарифи Рамазон иттифоқ афтодааст.

Дар асл, Рамазон моҳи нӯҳуми соли қамарии ҳиҷрӣ аст, ки онро моҳи Рӯза ва моҳи Сиём ҳам меноманд ва мусулмонони олам дар ин моҳ 30 рӯз рӯза мегиранд. Таи ин рӯзҳо озор додани каси дигар гуноҳи азим аст. Баръакс, дар ин моҳ ҳар муслим ба ҳамдигар мӯнису ғамхор ва хайрхоҳ мебошад. Сила кардани сари ятимону ғарибон, додани хайру эҳсон ба онҳо аз анъанаҳои қадимаи аҳли мӯъмин мебошад.

Охирин рӯзи Рамазон (баъд аз 30 рӯз) Ид мешавад ва ин идро Ид-ал-фитр меноманд. Ва он, одатан ба рӯзи якӯми моҳи Шаввол — Иди Рӯзакушоӣ рост меояд. Ба ҳамин муносибат фитри рӯза медиҳанд. Мустаҳақ ба ин гуна идӣ — аввал одамони камбизоат аз хешу табори ҳар шахс, сонӣ (агар чунин шахс дар авлоди ӯ набошад) ҳаммаҳалла ва ё ҳамсояҳо чунинҳо набошанд, ба ҳамдеҳа ва ё ба ҳамшаҳрии дигар медиҳанд. Ид-ал-фитр, баъди Иди Қурбон аз идҳои қадима ва ниҳоят мӯътабари мусулмонон маҳсуб мешавад.

Дар замони шӯравӣ таҷлили ин Ид бо зӯр аз байн бурда шуда буд. Хушбахтона ба шарофати Истиқлолият ин ид ҳам, чун анъана ва расму оини ниёкон ба аҳли мӯъмин дубора эҳдо гардид ва ҳар як фарди кишвар шарафмандона ва бо рӯҳи болида, бо ифтихори тамом баҳри адои Намоз сӯи масҷидҳо раҳсипор мешаванд. То худро аз гуноҳҳо пок ва рӯҳан сабук эҳсос намоянд.

Таърих шаҳодат медиҳад, ки дар 17 маи соли 1898 Эшони дукчӣ (Мадалӣ эшон) дар Андиҷон бо 500 нафар аҳли мӯъмин ба муқобили ҳукуматдорони оқподшоҳ ба шӯриш бархостаанд. Ва сабаби «Шӯриши Андиҷон» маҳз барои аз тарафи мустамликадорон бекор карда шудани чунин расму оини мусулмонон дар кишвар будааст, то ки оини мусулмонӣ зери по набошад...

Ҳамаи инро ба ёд оварда, бори дигар ба Истиқлолият шукрона мегӯем ва бо ин Иди саид ҳама ҳамдиёрони худро табрик менамоем. Зеро, Шайх Камол гуфта буд:

**Соқӣ биёр бода,**
**ки иди Сиём шуд,**
**Он моҳ, ки буд монеи**
**риндӣ, тамом шуд.**

Ва устод Муиззӣ фармудаанд: **Иди фитр андар шариат суннати пайғамбар аст.**

**М.ОТАХОНЗОДА.**

---

***Аз 20 ноябр то 20 декабри соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ моҳонаи бехатарии сӯхтор эълон гаштааст. Барои сар назадани чунин ҳодисаҳо ба қоидаҳои маъмулии бехатарӣ бояд риоя кард.***

## Огоҳӣ

Шӯъбаи бехатарии сӯхтори Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Мирободи пойтахт ба таваҷҷӯҳи аҳли Тошканд ва меҳмонони он мерасонад, ки дар сурати ба амал омадани ҳар гуна ҳодисаи ангезандаи сӯхтор ба «01» занг зананд. Шӯъбаи мазкур бино бар он ки идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» низ дар ҳудуди маъмурии ноҳияи номбурда воқеъ аст, инчунин хонандагони худро ба риояи қоидаҳои маъмулии зидди сӯхтор даъват менамояд.

Тавсия мегардад, ки ҳудуди маҳалҳои иқомат аз ҳар гуна ахлот ва чизҳои нозарури оташгиранда сари вақт тоза карда шавад. Муваққатан аз симҳои носози электр, аз василаҳои барқӣ истифода набурдан тавсия мегардад. Дар ҳеҷ сурат хазони тару хушк дар мавзеъҳои иқоматӣ оташ зада нашавад.

Бо ҳар гуна бозиҳои оташхез андармон шудани бачаҳо ва дар хона танҳо гузоштани онҳо низ боиси сар задани ҳодисаҳои норматлуб мегарданд.

**Шӯъбаи бехатарии сӯхтори ШКД ноҳияи Миробод.**

---

## Таҷҳизот барои мубориза

**Аз ҷониби намояндагии минтақавии Идораи СММ оид ба нашъамандӣ ва ҷиноят ба мақомоти ҳимояи тартибу ҳуқуқи Ӯзбекистон ба миқдори умумии 170 ҳазор доллар таҷҳизот ва воситаҳои барномарезии замонавӣ супурда шуд.**

Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ин мақомот Вазорати корҳои дохилӣ, Хизмати амнияти миллӣ, Кумитаи ҳимояи сарҳади давлатӣ, Кумитаи давлатии гумрук, Маркази миллии назди комиссияи давлатии назорати нашъамандии Девони Вазирон мебошанд. Онҳо минбаъд ба шарофати ин таҷҳизот ба он муяссар хоҳанд гашт, ки фаъолияти худро дар ҷиҳати ҷамъоварии хабарҳо ва маълумот, таҳлил ва табодули ахбори таъҷилӣ мутамарказ намуда, дар ин соҳа як шабакаи умумӣ ба вуҷуд меоранд.

Ҳамин гуна шабака ҳоло дар Британияи Кабир, Олмон, Русия, Шветсия ва ИМА, инчунин созмонҳои байналмилалии махсуси Интерпол, Европол, Созмони ҷаҳонии гумрук амал менамояд.

Кӯмаки Идораи оид ба нашъамандӣ ва ҷинояти СММ мутобиқи лоиҳаи «Системаи мақомоти ниҳодӣ дар бобати ҷамъоварии иттилоот, таҳлил ва табодули хабарҳои оҷилӣ ва ғайра дар соҳаи муборизаи зидди нашъамандӣ» амалӣ мегардад, ки умуман арзиши ин лоиҳа 2 млн. долларро ташкил менамояд. Аз ин рӯ дар назар аст, ки Идораи минтақавии оид ба нашъамандӣ ва ҷинояти СММ ба Ҷумҳурияти Тоҷикистон низ чунин кӯмакро арза намояд.

**Т.ИКРОМОВ.**

**Дар олами кино**

# Ду соҳили дарёи умр

**Дастҷамъона дидани филмҳои нави кинематографони ватанӣ дар Хонаи кинои ҷумҳурӣ ба ҳукми анъана даромадааст.**

Ин бор ба муҳокимаи бинандагон ду видеофилм: «Шефтаи ахтарон» («Юлдузларга интилиб») ва «Чор рӯзи усто» («Устанинг тӯрт куни»), ки дар киностудияи филмҳои илмӣ-оммавӣ ва мустанади Ӯзбекистон («Узкинохроника») офарида шудаанд, пешниҳод гардид.

Филми аввал аз рӯи очерку новеллаҳои хабарнигор Шаҳобуддин Зайниддинов ба навор гирифта шудааст. Коргардон Ҳоҷимурод Валиев, оператор Абдулло Тӯлаганов мебошад. Қаҳрамони филм олими машҳури физикаи ядроӣ, мутахассиси киштиҳои кайҳонӣ, академик Шавкат Воҳидов аст. Дар пеши назари мо ӯ бо тамоми паҳлӯҳои истеъдодаш, чун идомадиҳандаи корҳои ҳамватани бузургамон Мирзо Улуғбек ва ба сифати роҳбари Созмони истеҳсоли илмии «Коинот», ки дар он ҷо қисмҳои киштиҳои кайҳонӣ сохта мешаванд, мураббии олимони ҷавон дар Пажӯҳишгоҳи илмии академӣ, ҷилва мекунад. Симои иҷтимоии Шавкат Аҳадовичро дӯстону ҳамкасбонаш, шогирдону кайҳоннавардон, дипломату журналистон, ки дар ҳалқаи онҳо бисёр будааст, такмил медиҳанд.

Филми мустанади дуюм аз ҳаёти собиқадори ҷанг, усто Муҳаммадҷон Юсупови қӯқандӣ нақл мекунад. Коргардони филм Ҷасур Исоқов, оператор Дамир Ғиёсов аст. Юсупов ба мототсикл ва велосипедҳои кӯҳнасохт умри дубора мебахшад. Ӯ на фақат усто аст, балки дар «Ӯзбекфилм» баъзе нақшҳои хурдро табиӣ бозидааст. Ду филм — ду қисмат. Ҳар ду қаҳрамон муосирони моянд ва устои кори худанд, гӯё онҳо ду соҳили як дарёи зиндагӣ ҳастанд.

**Ш.ЗАНӢ.**

# Муаррифии филми нав

***19 ноябр дар Маркази матбуоти миллии Ӯзбекистон бахшида ба филми нави бадеии «Абрҳо»-и киносози афғон Сиддиқ Обидӣ ва ҳампешагони ӯзбекистониаш нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

***Дар нишаст намояндагони воситаҳои ахбори оммавии ватаниву хориҷӣ ширкат ҷустанд.***

Алоқамандони кино филмсози афғон Сиддиқ Обидиро аз рӯи филмҳои «Ғурбат» ва «Човандоз» ба хубӣ мешиносанд. Ин бор ӯ бо ҳампешагони ӯзбекистониаш филми наверо офаридааст, ки «Абрҳо» ном дорад. Киноро студияи шахсии «Ҷайҳунфилм» ба навор гирифтааст, ки аз режими ваҳшиёнаи толибон қисса мекунад. Нақшҳоро актёрони зерини афғону ӯзбек бозидаанд: Шаҳло—Камола Умархоҷаева, Сабурӣ—Алишер Ҳамроев, сарфармондеҳи толибон—Муҳаммадҷон Узоқов, Шабгир—Сиддиқ Обидӣ, Адамхон—Вакил Некбин ва дигарон.

Ёвари коргардон:Бахриддин Ойназаров, таҳиягар: Абдуҳаким Қориев.

Қабл аз суолу ҷавоб Сиддиқ Обидӣ сухани муқаддимавӣ ба миён овард.

Ӯ гуфт:

—Режими толибони мутаассиб фарҳангзудо буд. Онҳо тамоми воситаҳои ахбори оммаро аз байн рабуданд, матбуот ва озодиро маҳв карданд. Муносибаташон ба занон ғайриинсонӣ буд. Тамоми донишмандон, шоиру нависандагон ва аҳли ҳунарро ба чаҳор сӯи ҷаҳон пош доданд. Мо сулҳу амониро дар Афғонистони азиз дер боз мунтазир будем. Инак, ҳоло дар ватанамон осудагист. Ба сифати киносоз хеле мехостам даҳшату ваҳшати толибонро ба оламиён бинамоям. Ба ҳампешагони ӯзбекистонӣ, хоссатан, ба роҳбарияти «Ӯзбекфилм» ташаккури зиёд мегӯям, ки дар сохтани филм ба мо дасти кӯмак дароз карданд. Дар ҷараёни ба наворгирӣ мушкилие пеш наомадааст. Хабарнигори ИТАР-ТАСС вақте пурсид:

— Киностудияи «Афғонфилм» чӣ ҳол дорад?

Обидӣ гуфт:

— Ҳукумати интиқолӣ онро барқарор мекунад. Ҳоло фаъолият дорад. Як-ду филм истеҳсол кардааст. Ба суоли:«Ин филми аввалин аст аз хусуси режими толибон?» киносоз посух дод:

— На, қабл аз филми мо филме буд аз таассуроти духтараке. Вале домани филми мо густурдатар аст. Он аз ваҳшонияти толибон фарохтар қисса мекунад. Аз филм манзараҳои ишқу муҳаббат ва тӯю сур низ ба чашм мерасанд. Савту сурудҳои Амирҷон Сабурӣ ба он рӯҳи афғонӣ бахшидааст.

Камола Умархоҷаева, ки яке аз нақшҳои асосӣ—Шаҳлоро дар филм бозидааст, ба суоли хабарнигорон: «Оё шумо дар хоки Афғонистон аз бозидани нақш бим надоштед?» чунин ҷавоб кард:

— Дар Афғонистон ҷанг ба охир расида бошад ҳам моро ҳисси бим тарк нагуфт. Вақте ки манзараи ҳуҷуми толибонро ба навор мегирифтанд, ман гумон кардам, ки толибон воқеан аз нав ба по хестаанд. Урфу одат ва анъанаҳояшон ба урфу одат ва русуми мо хеле шабоҳат дорад. Ҳамин қаробату муштаракиҳо буд, ки мо худро дар он сӯи Ому бегона ҳис накардем.

Дар охир аз филм порае намоиш дода шуд. Дидем, ки толибон аспсавор ба мавзее ҳамлавар шуданд ва чоҳи азиме канда сокинони он ҷоро зиндадаргӯр карданд. Яъне ваҳшонияти фашистонро такрор намуданд.

Сиддиқ Обидӣ бар он аст, ки филми «Абрҳо» дар байни силсилафилмҳои осиёӣ мавқеи худро пайдо мекунад ва харҷи худро, ки беш аз 600 ҳазор доллари ИМА будааст, ҷуброн месозад.





«Абрҳо» ба чаҳор забон: дарӣ, англисӣ, ӯзбекӣ ва русӣ намоиш дода хоҳад шуд.

**ШОҲИД.**

***Дар сурат:** лаҳзаҳо аз филми «Абрҳо».*

**Мӯҳсин УМАРЗОДА**

# Бохтарӣ—номи забон ва алифбои ниёкон

1) А 2) В 3) П 4) Ф
5) Т 6) Ѳ 7) Х 8) Δ
9) Р 10) З 11) С 12) Ь
13) ЬХ 14) К 15) Г 16) ГГ
17) Λ 18) М 19) Ӿ 20) Ш
21) D 22) Y 23) E 24) h
25) A 26) O 27) I 28) o

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Вожаи «эйд» дар форсии дарӣ-тоҷикӣ дар таркиботи гуногун ба суратҳои «эйдун», «айдун», «айдар», «эдар», «эдун» ва ба маъниҳои ин ҷо, дар ин ҷо, ин тавр, ин гуна, инчунин, ҳамчунин, ба ин тариқ мавриди истеъмол дорад. Дар ин бора мисолҳои бисёре овардан мумкин аст. Чунончи, Носири Хусрав дар бораи дигаргун шудани замона мегӯяд: «Ҳол гаҳ эйдуну гоҳ айдун шуд», яъне «ҳол гоҳ ин тавру гоҳ он тавр шуд».

Дар «Таърихи Табарӣ низ омадааст: «Фармуд, то аҳднома нависанд ба сулҳ ва он аҳднома эйдун навиштанд ва ба Ғурак доданд». Дар ин ҷо калимаи «эйдун» маънои «ба ин тариқ, ҳамин тариқ» дорад.

«Эдун» мухаффафи (ихтисоршудаи) «эйдун» аст ва «эд» низ, чунон ки қаблан дидем, кӯтоҳшудаи «эйд» ба мафҳуми «ин» мебошад. Инак, «эдун» низ ба маънии ин тавр аз Фахриддини Гургонӣ:

**Шумо аз бомдодон то ба акнун**
**Басе ҷанговарӣ кардед эдун.**

Ва ё «эдар» дар маънии «ин ҷо» аз Шайх Саъдӣ:

**Бигуфто: наёрам шуд эдар муқим,**
**Ки дар пеш дорам муҳимме азим.**

«Эйд» дар форсии миёнаи зардуштӣ ба шакли «ид» ба ҷои «аст» истифода шудааст. Ва ин «ид» дар яке аз лаҳҷаҳои тоҷикони Ҳирот ба сурати «из» ба маънии «аст» маъмул будааст, зеро ҳодисаи ба «з» табдил ёфтани овои «д» дар забонамон бисёр дида мешавад монанди гунбад—гунбаз, устод—устоз ва ғайра. Инак, чанд мисол аз китоби «Табақот ас-сӯфия»: «Хонаи Ҳақ из» — «Хонаи Ҳақ аст» (саҳ.283); «Шайхи Шом из»—«Шайхи Шом аст» (саҳ.154); «Ӯ пешин касе из»—«Ӯ пешин касе аст» (саҳ. 6 ва 10).

## Баъзе вижагиҳои алифбои бохтарӣ

Ҳангоми ба забони бохтарӣ мувофиқ намудани алифбои юнонӣ як силсила душвориҳо пеш омад. Тафовути дастгоҳҳои овозии забонҳои бохтарӣ ва юнонӣ аз ҷумлаи мушкилоте буд, ки зарурати баъзе тағйиротро дар хусусиятҳои овозии ҳарфҳои юнонӣ ногузир менамуд. Чанде аз овозҳои забони бохтарӣ, чунон ки қаблан гуфта гузаштем, масалан, овои «ш» ва «х» дар юнонӣ умуман талаффуз намешавад ва бинобар ин равшан аст, ки юнониён барои чунин овозҳо ҳарфе ҳам надоранд. Аз ин рӯ ба бохтариён лозим омад, ки ҳарфҳои иловагӣ бо дар назар доштани талаффузи худ ихтироъ намоянд.

Дар зер чанде аз ин ҳарфҳоро бо намунаҳои истифодаи онҳо дар калимаҳо тафсир хоҳем кард.

Дар алифбои бохтарӣ илова бар ҳарфи «т» ҳарфи дигаре низ ҳаст, ки вай монанди «О»-и миёнбаста мебошад ва дар алифбои юнонӣ тита ном дорад (нигоҳ кунед ба ҳарфи шашум). Ин ҳарфи байнидандонӣ аст ва ба «th»-и инглисӣ, «со»-и се нуқтадори арабӣ ва «цэ»-и русӣ наздикӣ дорад. Ҳарфи «цэ»-и бохтарӣ дар калимаи «цут» (ё «цуат») дида мешавад ва он ҷо ки сухан дар бораи оби ҷоҳ меравад, маънии «шуд» дорад: оби ҷоҳ «бозистода шуд», яъне қатъ ёфту хушк шуд.

Дувоздаҳумин ҳарфи алифбои бохтарӣ каме ба «Р»-и кириллии тоҷикӣ шабоҳат дорад, вале вай ҳарфи «ш» аст, ки дар чандин калима монанди «шо»—шоҳ, «ахишт»—хишт, «Навшол»—Навшод, «албоншол»—арвоншод (ё шодравон) дида мешавад; дар ин ду калимаи охир ҳарфи «л» ба «д» бадал шудааст.

Шакли бистуми хати бохтарӣ низ айнан ҳамин «ш»-и алифбои имрӯзаи тоҷикӣ аст, аммо бохтариён онро чун пешованди (пешоянди) «во» ба кор бурдаанд, ки ба калимаҳо мепайвандад ва маънии «боз»; «дубора» медиҳад монанди «востод», «восугд», яъне «воистод», «восӯхт». Мо ин пешовандро ҳанӯз истифода мекунем: «вонамуд», «вохӯрд», «водошт», «вобаста»...

Бохтариён ҳарфи бистудуюми алифбояшонро барои овози «ҳ» сохтаанд, ки вай дар сангнавиштаҳои Сурхкӯтал дар вожаҳое чун «пухр», яъне «пур» ба маънии «писар» на як бору ду бор истеъмол шудааст. Бояд гуфт, ки «пур» дар номсозии мардум ҳоло низ ба кор гирифта мешавад, масалан, Олимпур ба маънии Олимзода, писари Олим.

Чунон ки дида мешавад, ҳуруфи якум ва биступанҷуми бохтарӣ шабеҳи якдигаранд, вале фарқ ин аст, ки ҳарфи якум гоҳ «а» ва гоҳо «о» хонда мешавад, аммо ҳарфи биступанҷум фақат ба тарзи «а» талаффуз мегардад.

Ҳарфи бистуҳафтуми «и», ки пеш аз аломати фосила қарор дорад, шаклан як хатчаи рост мебошад ва дар матни катиба бисёр ба кор рафтааст. Чунончи, вай дар вожаи «кирд» ба маънии «кард» дида мешавад. Ин «кирд»-и бохтарӣ дар забони тоҷикӣ ҳанӯз зинда аст ва баъзан ба сурати «кирдор» ба маънои амал, феъл, рафтор мавриди истеъмол дорад: «кирдори нек, пиндори нек, гуфтори нек». Ҳаким Фирдавсӣ мефармояд:

**Чунин гуфт Рустам ба Исфандиёр,**
**Ки кирдор монад зи мо ёдгор.**

«Кирдигор» низ мафҳуми худованд, офаридгори мутаол дорад.

## Багланг ё ҳангу манг

Ҳарфи понздаҳуми бохтарӣ айнан ҳарфи калони чопии «Г» дар алифбои забони тоҷикӣ аст ва аз лиҳози гӯйиш ҳам фарқе надорад. Аммо ҳамин ҳарф дар охири калимаҳо пасиҳам ду бор ба сурати «ГГ» омада, чун як овози воҳид аз омезиши ду ҳарфи «нг» талаффуз мешавад. Масалан, ҳангоми мутолиаи катиба чандин маротиба калимаи «Баглагг» дучор меояд, вале агар мувофиқи қоидаи алифбои бохтарӣ ба ҷои «ГГ» ҳуруфи «нг»-ро гузорем, лафзи «Багланг» ҳосил мегардад.

«Багланг» номи оташкадае буд, ки мисли бисёр дигар калимаҳои мураккаб аз ду ҷузъ ташкил ёфтааст. Ҷузъи аввали ин ном, яъне «баг» ё «бағ» дар тамоми навиштаҳои ориёӣ ба маънии худо ба кор бурда шудааст: дар фурси бостонӣ—«бага», дар санскрит—«бҳака», дар суғдӣ—«бағ», дар ҳамаи забонҳои славӣ—«бог» аст. Ин вожа дар истилоҳот ва номҳои ҷуғрофиёию шахсӣ монанди Бағистон (ҷойгоҳи худо), Бағдод (худодод), Бағпур (писари худо), Бағаварза (дӯстдори худо), багина (парастишгоҳи худо) ва ғайра ба назар мерасад. Азбаски қабилаҳои ҳинду эронӣ бо қабилаҳои турк дар канори Ому то Хутан асрҳо ҳамсоягӣ доштанд, ин калима ба суратҳои «баг», «бак» ё «бек» ба маънии сарвар, амир, бузург ба забонҳои туркӣ низ сироят кард.

Ҷузъи дуюми «Багланг», яъне «ланг» ва ё «анг» маънии оташ дорад, ки дар лафзи тоҷикии «аланга» ба мафҳуми забонаи оташ истеъмол мешавад. Чандин номи ҷуғрофиёӣ мисли Соланг дар қалби Ҳиндукуш, Бушланг дар музофоти Ҳилманд, Пушанг дар ғарби Ҳирот, Гиранг—шаҳре дар Марви қадим ва ҳоказо дар таркиби худ ҳамин «ланг» ё «анг» доранд, ки гумон меравад онҳо дар даврони авҷи оташпарастӣ номгузорӣ шудаанд. Барои тасдиқи ин фикр маъбади Сурхкӯталро шоҳид овардан мумкин аст, ки дар он осори оташкада ва оташи муқаддас боқӣ мондааст, инчунин дар сиккаҳои баъзе шоҳони кушонӣ нақши оташкада зарб шудааст.

Дар Овисто низ «анг» ба маънии оташ дар таркиби «дужанг» дида мешавад ва якҷоя бо «дуж» мафҳуми оташи баду зишт дорад, ки калимаи «дӯзах» аз он ба вуҷуд омадааст. Дар омади гап инчунин бояд гуфт, ки бо ёрии «дуж» боз чандин вожаи дигар ҳам сохтаанд монанди «душман» ба маънии бадандеш, «душном», яъне бадном, «душчашм»—бадчашм, «душвор»—аслан ба шакли «душхвор», коре, ки бо мушкилӣ иҷро мешавад...

Ба ҳамин тариқ «Багланг» оташи худо гуфтан аст, ки бо мурури замон дар гӯишҳои маҳаллӣ «Бағлон» шудааст.

Хулоса, дар ҳар калимае, ки бо ҳуруфи «нг» анҷомад, ҳамчун дар «ҳанг» ё «манг», чунон ки дар боло гуфта шуд, дар хати бохтарӣ ҳарфи «Г» ду бор мисли «ҳагг» ва «магг» навишта мешавад.

Дар забони тоҷикӣ ибораҳои «ҳангам рафт», «ҳангам канд» ё «ҳангу манг шудам» мафҳуми ҳайратзада, моту мабҳут, саргиҷ шуданро дорад. Аммо бо пешованди «фар» маъноҳояшро дигар мекунад. Чунончи дар «фарҳанг» маънои дониш ва адаб, ақлу хирад, тадбир ва санҷидагӣ, доноӣ ва ҳушёрӣ касб мекунад. Мунҷиқи Тирмизӣ «ҳанг»-ро ба маънои ақлу ҳуш ба кор бурдааст:

**Эй раиси меҳрубон,**
**ин Меҳргон хуррам гузор,**
**Фарру фармони Фаридун варз**
**бо фарҳангу ҳанг.**

Вале «манг» дар сангнигораи бохтарӣ ба маънои хоҳиш ва ирода, дар санскрит ба мафҳуми ирода, рӯҳ, диловарӣ омадааст. Лекин дар адабиёти форсу тоҷик «манг»-ро ба таври камҳуш, гӯл, саргиҷ маънидод кардаанд. Чунин тафсир шояд ба бангдона вобаста бошад, ки онро низ манг мегуфтаанд ва аз хӯрдани он ақл коста шуда, кас ба қимор майл мекунад ва аз ин рӯ мангро (шояд маҷозан) қимор ҳам номидаанд.

Дар интиҳои сухан боз бо се ҳарф шинос мешавем. Яке аз онҳо ҳарфи нӯҳуми бохтарӣ аст, ки айнан ҳамин «р»-и ҳозираи алифбои тоҷикӣ мебошад. Ин ҳарф, масалан, дар калимаи «номбарг» дида мешавад, ки ба маънии номвар аст.

Ҳарфи даҳуми бохтарӣ аз «з»-и тоҷикии кунунӣ андак фарқ дорад, вале «з» будани онро зуд пай бурдан мумкин аст. Ин ҳарф дар «андиз» талаффуз мешавад, ки дар ин калима «анд» адади маҷҳул ба маънии «кам» аст. Дар катиба «об андиз» гуфта шудааст, ки бояд ба маънии «об кам шуд» бошад, зеро ҳамин маъно ба мазмуни матн мувофиқ аст.

Нуздаҳумин ҳарфи алифбои бохтарӣ шабеҳи ҳарфи лотинии «п» ва тоҷикии «н» мебошад, ки дар лафзи «найсонмо» ба маънии моҳи найсон омадааст. «Найсон» номи кушонӣ (аслан бобулии) моҳи апрели солшумории melодӣ мебошад.

Ва, ниҳоят, ҳарфи бистучоруми бохтарӣ ҳамонанди ҳарфи хурди лотинии «ҳ» аст, ки дар катибаи Сурхкӯтали Бағлон ба ҷои «й» ва «йи» ба кор бурда шудааст.

Чунинанд тафсири ҳарфҳо ва баъзе калимаҳои бохтарӣ. Вале бисёр чизҳо, аз ҷумла, мазмуну мундариҷаи катибаи Сурхкӯтал, шинохти решаи вожаҳои дигар ва пайвандҳои он бо забони имрӯзаи тоҷикӣ барои гуфтугӯи оянда мавқуф гузошта шуданд.

# Мо дилбохтагони санъатем, вале...

Халқамон санъатро дӯст медорад. Ӯ ҳамнафас бо савту суруди дилрабо ва рақсҳои ҷаззоб ба сар бурдан мехоҳад. Як суруди хуши бомдодӣ рӯзи дароз рӯҳашро болида медорад. Аз радио ё телевизион садои хонанда ё актёри дӯстдоштаашро бисёр шунида бошад ҳам, як бор мехоҳад ӯро аз наздик бубинад ва гӯш кунад. Бо ҳамин хаёл ба дари касса наздик мешавад. Вале вақте ки аз даҳони кассирзан мешунавад: «Билет намонд», тарбузаш аз бағал меафтад. Ба фикрам, бисёриҳо ба ин ҳолат афтодаанд. Табиист, ки дар шароити рӯз шахси маошхӯр аз дасти ҷаллобон бо нархи дуболо билет харида наметавонад. Бигирем мисолеро. Охири моҳи октябри соли равон дар қасри «Дӯстии халқҳо» консерти овозхони машҳури хориҷӣ Андии Мададиён баргузор гардид. Як шиносам рӯзи шунидани эълон орзуи дидани консерти ӯро дар дил парвардааст. Бо андешаи билетро сари вақт ба дасти ҳаннотон наафтода, гирифтан, сӯи касса мешитобад. Вале «билет нест, тамом шуд» гуфтани кассирзан ҳавсалаашро пир мекунад. «Чӣ хел дар бадали ду-се рӯз тамом мешудааст» гуфтанҳои ӯ бенатиҷа memонад. Ноумед чанд қадам ба пас нагузошта ҷавони тахминан 25-26-солае тозон омада пурсидааст: «Ака, ба шумо билет лозим? Аз қатори пеш ё миёна?» Ба рӯи шоносам табассум давида гуфтааст: «Ба мо аз қатори миёна лозим, чанд пул мешавад?» Ҷавон ба рӯи шарм чарм кашида ҷавоб додааст: «То ин дам 22 ҳазорӣ мефурӯхтам, барои шумо 20 ҳазор, агар аз қатори аввал хоҳед 25 ҳазор медиҳед». Шиносам, ки дар ҷайб ними ин миқдор пулро надоштааст, ангушти ҳайрат дар даҳон ба хона баргаштааст. Ӯ бо танаффуру ҳаяҷон ин ҳодисаро нақл мекард, ки як орзуи хурдакаш рӯи амалро надид. Аз канор ин ҳол «воқеаи оддӣ» ба назар мерасад. Зеро ба ин гуна «ҳодисаҳои оддӣ», ҳарчанд гарон аст, бо мурури вақт одат мекунем. Вале зимнан ин ҳолат «ҳодисаи оддӣ» нест. Ба касофати ҳаннотону ҷаллобон як қисми назарраси аҳолӣ аз ғизои маънавӣ ва лаззате, ки барояш нирӯ мебахшад, маҳрум мешавад.

## Бонги изтироб

Баъзеҳо мегӯянд: «Меҳнат кун, пул ёб, пулат бошад дастат ба ҳама ҷо мерасад». Ба назарам ин сухани онҳое нест, ки ба ивази меҳнати ҳалол зиндагӣ мекунанд. Дидаам дар консертҳо тамошобинони худашон шоҳу табъашон вазирро. Дар даст телефони мубилӣ доранду гӯё ба ҷуз онҳо дар толор касе набошад, соатҳо ба торҳои асаби дигарон нохунзанон ғиринг-ғиринг бо касе сӯҳбат мекунанд. Ман бо ин гуфтанӣ нестам, ки ҳамаи телефондорон чунин одат доранд. Ба ҳар ҳол қандашона хӯранд онҳое, ки имкониятҳои фаровон доранд ва роҳи пулёбиро медонанд. Магарам барояшон 100 ҳазор сӯм арзише надорад. Шиноси ман ва ӯ барин маошхӯрон на танҳо ба консерти санъаткорони хориҷӣ, балки ба консерти ҳунармандони ватанӣ ҳам даромада наметавонанд. Аз берун чунин ба назар мерасад, ки айбдори асосии ин ҳолатҳо кассиронанд. Вале кассир, ба фикрам, бе иҷозати санъаткор ва роҳбари қасрҳои консертӣ ин миқдор билетро ба дасти ҳаннотон супурда наметавонад. Бо ин гуфтанӣ нестам, ки кассирон тамоман бегуноҳанд. Онҳо дидаву дониста ба қонуншиканӣ роҳ медиҳанд. Як билети ҷаллоб 20-25 ҳазор сӯм арзиш дорад. Наход дар ҷамъияте, ки барои манфиати инсонҳо такопӯ дорад, баҳои билети оддӣ ин қадар баланд аст? Ин «тадбиркорон»-и чашмгурусна намегузоранд, ки дигарон ба таври бояду шояд истироҳат кунанд. Чунин ҳолат дар қасри санъати ба номи Алишер Навоӣ низ ҳангоми намоиши филми «Имтиҳони муҳаббат» («Муҳаббат синовлари») ба чашм расид. Филми мазкур воқеан аз лиҳози мазмуну моҳият ба талаби рӯз ҷавоб медиҳад, аҳамияти тарбиявӣ дорад. Ҳарчанд аз рӯзгори ҷавонон баҳс мекунад, бузургсолон низ мароқ зоҳир намуданд. Вале билетро мардум аз «кассаҳои беруна» хариданд. Ходимони умури дохилӣ — посбонони тартибот, ки дар чунин рӯзҳо ҳозиру нозиранд, ин ҳамаро мебинанду намебинанд. Ҳатто ба баъзеашон муроҷиат кунед, дар ёфтани билет бароятон кӯмак мекунанд. Зеро онҳо «тадбиркорон»-ро хуб мешиносанд. Оё ин хиёнат ба пагон нест? Дар ҷамъияти ҳуқуқбунёд набояд ҳуқуқҳои инсон поймол гардад. Шолӣ маҳсулоти хуб аст, вале курмакҳои он арзиши истеъмолӣ надоранд. Барои он ки шолӣ нашъу нумӯъ кунад, деҳқон курмакҳоро сари вақт решакан менамояд. Курмакҳо аз зиндагиву ҷамъият инсонҳоро дилхунук мекунанд. Хоссатан ин гуна ҳодисаҳои номатлуб ба тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мерасонад. Ибораи «Зиндагӣ барои пул» ба шиорашон табдил ёфтанаш мумкин. Ин мабод, ки онҳо ҳалолкориро фаромӯш кунанд. Сипос худойро, ки осуда умр ба сар мебарем, рӯзгорамон рӯ ба беҳбудӣ мениҳад. Агар нисбати чунин ҳолатҳо лоқайд набошем, ба мақсадҳои неку наҷибамон зудтар мерасем.

**Мухтасархон КАРИМОВА.**

**Бо намоиши плакатҳо дар мавзӯи «Ниқобҳои театри Но» ва намоишгоҳи ороишгарони ҷопонӣ Рӯзҳои фарҳанги Ҷопон дар Ӯзбекистон ба охир расид. Сафоратхонаи Ҷопон дар Ӯзбекистон ва Бунёди фарҳанги Ҷопон бо дастгирии Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон, Ширкати давлатии саҳҳомии «Ӯзбеккино», вазорати фарҳанг, Маркази инкишофи захираҳои инсонии ӯзбекистонию ҷопонӣ созмондиҳандагони ин тадбири қариб думоҳа буданд.**

# Анъанаҳо ва фарҳанги Ҷопон дар Ӯзбекистон

Ин муддат дар Тошканд ва Самарқанд филмҳои бадеӣ



ва лухтакии ҷопонӣ намоиш дода шуд. Асарҳои устодони санъат ба намоиш гузошта шуданд, консертҳо, маърӯзаҳо ва вохӯриҳо бо иштироки олимону мутахассисон аз Кишвари тулӯи офтоб ба амал омаданд.

— Чунин тадбирҳо дар пойтахти Ӯзбекистон бори дахум баргузор мегарданд, вале бори аввал ин қадар тӯлонӣ давом карданд, гуфт дар маросими пӯшидашавии он Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷопон дар Ӯзбекистон Акио Кавато. — Соли оянда ният дорем, ки ин анъанаро идома диҳем, зеро он пули маънавие дар байни мардумони ду кишвар мебошад. Баробари ин сафари мо имкон медиҳад, ки ӯзбекистониён забон ва адабиёти Ҷопонро хубтар омӯзанд, бо ҷопоншиносӣ машғул бошанд. Чунончи, вохӯрии ректорони мактабҳои олии ду давлат бо мақсади мустаҳкам намудан ва инкишоф додани робитаҳо созмон дода шуд. Дарсҳои адабиёти ҷопонӣ ба забони ӯзбекӣ гузаронида шуданд, ки дар байни сокинони ҷумҳурият шавқу рағбати зиёд пайдо кард.

Чунон ки ҷонишини вазири фарҳанги Ӯзбекистон Фаррух Зокиров иброз дошт, Рӯзҳои фарҳанги Ҷопон қаринияти фарҳангҳо ва анъанаҳои Ӯзбекистону Ҷопонро нишон доданд. Тамошобинони ӯзбекро бахусус филмҳои бадеии ҷопонӣ, ки дар Хонаи кино намоиш дода шуданд, ба худ ҷалб сохтанд.

Президенти Фарҳангистони бадеӣ Турсуналӣ Қӯзиев илова намуд, ки санъати Ҷопон ба ҳаёти мардуми он ва анъанаҳои вай такя мекунад. Ин аст, ки он барои ӯзбекистониён хеле мафҳум аст. Вай орзу намуд, ки асарҳои устодони санъати ин кишвар мин-



баъд низ дар Тошканд ва дигар шаҳрҳои кишвар ба намоиш гузошта шаванд. Аз онҳо тамоми шаҳрвандони ҷумҳурият баҳра хоҳанд бардошт,— гуфт ӯ.

Дар чаҳорчӯбаи Рӯзҳои фарҳанг, консертҳои мусиқаи анъанавии ҷопонӣ ба амал омаданд. Онҳо дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Навоӣ, Корвонсарои фарҳанг ва Консерваторияи давлатӣ баргузор шуданд. Ду асбоби мусиқии ҷопонӣ — «сякухати» ва «кото» ба Консерваторияи давлатӣ ба сифати тӯҳфа супурда шуданд. Гурӯҳи «Коку» таҳти роҳбарии Акикадзу Накамура оҳангҳои анъанавӣ ва ҳозиразамони кишвари худро иҷро карданд ва аз ҷониби тамошобинон истиқболи гарм ёфтанд. Дар Маркази санъати ҳозиразамон намоиши суратҳои устодони ҷопонӣ ба амал омад. Дар ин ҷо ҳамчунин намоиши асарҳои рассомони ороишгар Футзисиро Норио ва Синсукеэ Сиодзава баргузор шуд.

**«Туркистон-пресс».**

